«Тасдиқ мекунам»:
Директори Институти
забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ
н.и.ф. Шарифзода Б.Б.

“05” июли 2022

# ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АМИТ

Диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст. Диссертатсия дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ: Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович – номзади илмҳои филологӣ, муовини илмии директори Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ баррасӣ ва муҳокима гардида, бо қарори шуъбаи мазкур аз таърихи 27. 06. 2019, протоколи № 6 ба ҳимоя тавсия шудааст.

Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ диссертатсияи номзадии Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷоновичро дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» бо ширкати муқарризон - доктори илмҳои филологӣ, сарходими илмии Шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ Юсуфов У. А. ва номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ Шоев А. А. баррасӣ ва муҳокима намуд. Пас аз ифтитоҳи Шурои олимон довталаби дараҷаи илмӣ оид ба муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои илмии таҳқиқ маъруза намуд. Баъд аз маърузаи диссертант суолу ҷавоб сурат гирифт. Баёнов М. Б. ба суоли аъзои шурои олимон, профессорон– А. Сатторзода, С. Назарзода ва ходими илмии институт Б. Ғаффор ҷавоб дод.

Сипас муқарризи холиси якум – доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У. дар баромади хеш таъкид намуд, ки диссертатсия ҷиҳати омӯзиши вазъи адабиёти асрҳои XVI ва XVII бахусус муаррифии ҳаёт ва эҷодиёти шоир ва

орифи рубоисаро Саҳобии Астарободӣ, басо муҳимму судманд аст. Ба таъкиди муқарриз диссертатсия дорои навовариҳои зиёд аст. Аз ҷумла:

1. Мавзуъ бори нахуст дар доираи як рисолаи ҷудогонаи илмӣ баррасӣ гардида, рӯзгору осори Саҳобии Астарободӣ ҳамчун шоир мавриди предмети таҳқиқ қарор дода шудааст.

2. Баёнов М. дар пажӯҳиши худ аз се дастхатти ба асри шоир наздик истифода карда аст, ки арзиши рисолаи ӯро боло мебарад.

3. Доир ба нусхаҳои қаламии ашъори адабию фалсафии шоир дар китобхонаву осорхонахои ҷаҳон, ки хеле зиёд маҳфузанд, маълумот дода шудааст.

Дар маҷмуъ комёбӣ ва муваффақиятҳои диссертатсия зиёд буда, аз феҳрасти мақолаҳои муаллиф, ки дар охири кор ва автореферати он оварда шудааст, маълум мешавад, ки диссертант ба таҳқиқи ҳаёт ва эҷодиёти шоир ҷиддӣ пардохта, осору рӯзгори Камолуддин Ҳасан ибни Муҳаммад Саҳобии Астарободӣ (ваф. 1010 ҳ. қ. /1601 м.) аз орифону шоирони садаҳои XVI - XVII аст. Саҳобии Астарободӣ дар Шуштар зода шуда ва дар Наҷаф чиҳил соли охири умр зиндагӣ карда, бино бар ин дар кунияташ ваҷҳи тасмияи "Шуштарӣ" ва "Наҷафӣ" низ дида мешавад. Вай дар Наҷаф ба омӯзиши улуми динӣ пардохта, аз фақеҳони машҳури замони худ ба ҳисоб мерафт. Аз ӯ "Девони ғазалиёт" (шомили 2800 байт), маҷмуаи "Рубоиёт" (то имрӯз 6500 рубоӣ боқӣ монда) ва асари дигаре, ки «Урват-ул-вусқо» бо назму наср махлут аст, боқӣ мондааст. Соиби Табрезӣ аз устодони сабки ҳиндӣ, ба Саҳобӣ ва ашъори ӯ эҳтироми хос қоил буда ва порае аз ашъори ӯро ба хатти худ бознависӣ карда, дар «Сафина»-и хеш овардааст, ки ба шоири машҳур будани ӯ далолат дорад. Бо ин ҳама, рӯзгору осори ӯ ношинохта монда ва яке аз шохисаҳои мавриди таҳқиқ қарор гирифтани аҳволу осори Саҳобии Астарободӣ, ки аз ҷониби Баёнов М. Б. сурат гирифта, ҳамин аст. Диссертант дар таҳлилу баррасии ашъори шоир, хусусан орою ҷаҳонбинии ӯ дар хусуси ахлоқ, ирфон, ишқ ва масоили иҷтимоӣ, ки дар боби дувум матраҳ шудаанд, маҳорати комил дорад. Тавре муаллифи диссертатсия овардааст, воқеъан тазкиранигорон баъзе аз нуктаҳои рӯзгору осори Саҳобии Астарободиро ситудаанд. Шиблии Нуъмонӣ ва Сируси Шамисо ашъори ӯро тамҷид кардаанд. Хусусан, Шиблии Нуъмонӣ дар "Шеър-ул-Аҷам" Саҳобиро аз ҷумлаи набоиғи адабиёти классикӣ эътироф намуда, аз ҷумла гуфта: «Фалсафа ва тасаввуф он қадар, ки дар форсист, дар арабӣ вудуд надорад. Ҷалолуддини Румӣ, Аттор, Саноӣ, Саҳобӣ, Ироқӣ, Авҳадӣ кадом шоири арабро ба ин навобиғ метавон муқобил намуд, куҷо дар араб чунин давоҳӣ вуҷуд доштааст? Мо аз Муҳйиддини Акбар ва Ибни Форис

беиттилоъ нестем, лекин шоирии онҳо ҳеҷ қобили муқоиса бо шоирии ин бузургон нест». Албатта мақсад аз овардани ин иқтибос нишон додани муҳиммияти таҳқиқ мебошад.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбати таҳқиқот диссертатсия аз нақсу камбудӣ орӣ нест. Аз ҷумла, дар он нишон додани сарчашмаҳо ба талаботи нави КОА мутобиқ нест. Албатта, ин нақсислоҳшаванда буда, аҳаммияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намегардонад. Гоҳ-гоҳе ғалатҳои техникӣ ҳам ба назар мерасанд.

Сипас номзади илмҳои филологӣ, Шоев А. А. суханронӣ намуда иброз дошт, ки диссертант Баёнов М.Б. мавзуи наверо таҳқиқ намудааст, ки дар адабиётшиносии муосири тоҷик то кунун доир ба зиндагии шоир ва орифи форс-тоҷик Саҳобии Астарободӣ таҳқиқоте дар шакли як диссертатсияи алоҳида сурат нагирифта буд. Таҳқиқи мукаммали ин мавзуъ, ки аз ҷониби диссертант Баёнов М.Б. ба итмом расидааст, барои кушодани нуктаҳо ва ҷанбаҳои асосии адабиёти даврони Сафавиён ва Шайбониён низ нақши муҳим дорад. Муаллиф дар кори илмии хеш дар доираи рӯзгору осори шоир, ба вазъи сиёсӣ ва адабиву фарҳангии асрҳои XVI-XVII низ дахл кардааст. Назарашро доир ба омилҳои ҳиҷрати шуаро аз қаламрави Сафавиёну Шайбониён ба дигар манотиқ, хусусан кишварҳои арабӣ дар такя ба сарчашмаҳои таърихӣ ва ашъори шоир асоснок кардааст.

Дар муайян ва барқарор намудани зиндагӣ ва эҷоди Саҳобии Астарободӣ муаллиф кӯшишҳои зиёд ба харҷ додааст, ки ин аз иқтибосоту ковишҳои ӯ ба хубӣ зоҳир мегардад. Хусусан, муаллиф аз тазкираву пажӯҳишҳои арзишманди донишмадони дохиливу хориҷӣ, мисли «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Сафинаи Хушгу»-и Биндробан Доси Хушгу, «Сарви озод»-и Мир Ғуломалихони Озоди Билгиромӣ, «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар, «Риёз-ул-орифин» ва «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят, «Шеър-ул-Аҷам»-и Шиблии Нуъмонӣ, «Таърихи адабиёти форсӣ»-и Ҳерман Эте, «Таърихи адабиёт дар Эрон»-и Забеҳуллоҳи Сафо, «Сайри рубоӣ дар шеъри форсӣ» ва «Сайри ғазал дар шеъри форсӣ»-и Сируси Шамисо, «Описание персидских и таджикских рукописей Института востоковедения РАН»-и Акимушкин, О.Ф., «Феҳристи нусхаҳои хаттии форсӣ»-и Аҳмади Мунзавӣ, «Мусиқии шеър»-и Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ ва манбаъҳои адабию таърихии арзишманди дигар истифода кардааст.

Ҳамзамон, муаллиф нусхаи электронии осори шоирро ҷиҳати анҷом додани таҳқиқот аз китобхонаҳои кишварҳои ҳамзабон дастрас кардааст. Аз ҷумла китобҳои Саҳобии Астарободӣ. "Девони ғазалиёт" ба кӯшиши

Акбари Беҳдорванд. - Теҳрон: Заввор, 1387. - 602 с., Саҳобии Астарободӣ. «Девони ғазалиёт" дастхат-маҳфуз дар Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллии Эрон. - №74664, Саҳобии Астарободӣ. "Девони ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ" ба кӯшиши Ҳ-Ё. Ҷавоҳирӣ. - Машҳад: Чопхонаи Тус, 1348. -184 с., Саҳобии Астарободӣ. "Девони рубоиёти Саҳобии Астарободӣ". Дастхат-маҳфуз дар Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллии Эрон. - №1087, Саҳобии Астарободӣ. Куллиёт. Дастхат - маҳфуз дар Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллии Эрон. -№87382 ворид намуда, дар асоси онҳо пажӯҳиш анҷом додааст.

Ҳамин тариқ, вобаста ба баромади муқарризон - доктори илми филолоғия, сарходими илмии Шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ Юсуфов У. ва номзади илми филология, дотсенти Кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ Шоев А. шурои олимони Институт нисбат ба ҳусну қубҳи илмии диссертатсияи Баёнов М.Б. ба чунин хулоса омад: Диссертатсия ба мавзуи хеле муҳим ва таҳқиқношудаи илми адабиётшиносӣ бахшида шудааст. Воқеан, кори диссертатсионӣ ба таҳқиқи рӯзгор ва осори шоир, ориф, рубоисаро ва ғазалсарои машҳури адабиёти форс-тоҷик Саҳобии Астарободӣ бахшида шудааст. Барои расидан ба ҳадафҳои мазкур муаллифи диссертатсия ҳалли вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

- таҳқиқи рӯзгори Саҳобии Астарободӣ;
- омӯзиши осори адабии Саҳобии Астарободӣ;
- баррасии ғазал ва анъанаи ғазалсароӣ;
- омӯзиши мавзуъ ва мухтавои ғазалиёти адиб;
- баррасии мавзуи ишқу ошиқӣ дар ғазалиёти шоир;
- омӯзиши панду ҳикмат дар ғазалиёти шоир;
- муайян намудани бархе аз вижагиҳои ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ;
- омӯзиши мавзуъ ва мухтавои рубоиёти Саҳобӣ;
- баррасии андешаҳои иҷтимоӣ дар рубоиёти шоир;
- баррасии андешаҳои ирфонии рубоиёти Саҳобӣ;
- андешаҳои ахлоқӣ дар рубоиёти адиб;
- забон ва услуби баёни шоир.

**Муаллиф масъалаҳои зеринро барои ҳимоя пешниҳод кардааст:**

- зиндагиномаи Саҳобии Астарободӣ;
- Саҳобии Астарободӣ шоири рубоисаро ва ғазалсарои адабиёти форсии тоҷикӣ аст, ки дар асрҳои XVI ва XVII машҳур будааст;
- асоси шеъри Саҳобиро худшиносӣ, худошиносӣ, қаноату хештандорӣ, мардонагӣ, таҳаммул, дӯст доштан, ишқи поку беолоиш,

муҳаббат варзидан, некию накукорӣ, дар роҳи ҳақ ва ҳақиқат зиндагӣ кардан, дур будан аз бухлу кина ташкил медиҳад;

- Саҳобии Астарободӣ яке аз он шоиронест, ки рубоии зиёд эҷод кардааст;

- дар баробари шоири мумтоз будан, инчунин ориф ва фақеҳи бузурги замонаш шинохта мешавад;

- дар ашъори ӯ мавзуи ишқу ирфон ва панду ҳикмат мавқеи хос дорад;

- ашъори шоир мазамматкунандаи ихтилофоти динию мазҳабӣ буда, дар онҳо арҷ гузоштан ба ҳама дину мазҳабҳо таблиғ мешавад;

- Саҳобии Астарободӣ дар корбурди санъатҳои бадеӣ маҳорати хуб доштааст;

- дар ашъори шоир вижагиҳои истифодаи санъатҳои бадеӣ ва дигар хусусиятҳои сохтори шеърӣ мушоҳида мешавад;

-муҳтавои аксари рубоиёт ва ғазалиёти шоир ирфонию фалсафӣ мебошанд;

- осори шоир ҷанбаи адабӣ, ирфонӣ ва фалсафӣ дошта, то ба имрӯз мавриди пажӯҳиши амиқ қарор нагирифтаанд;

- рубоиёти Саҳобӣ дар девони дигар шоирони рубоисаро ба мушоҳида мерасанд;

- забони ашъори Саҳобии Астарободӣ аз забони меъёр ва мардумӣ маншаъ мегирад.

**Муҳтавои асосии диссертатсия дар 15 мақолаи муаллиф, ки аз ҷумла 7-тои зерини онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд, ифодаи худро ёфтааст:**

[1-М]. Баёнов, М.Б. Саҳобии Астарободӣ шоир ва орифи тоҷику форс / М.Б. Баёнов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016. – №2 (242). – С.163-168.

[2-М]. Баёнов, М.Б. Талмеҳ дар ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ / М.Б. Баёнов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №3. – С.162-167.

[3-М]. Баёнов, М.Б. Нигоҳе ба зиндагиномаи Саҳобии Астарободӣ / М.Б. Баёнов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2018. –№ 5-1(77). – С. 161-166.

[4-М]. Баёнов, М.Б. Забон ва баёни ашъори Саҳобии Астарободӣ / М.Б. Баёнов // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ) – 2019.–№1- (005).–С. 153-157.

[5-М]. Баёнов, М.Б. Мавзуъ ва муҳтавои рубоиёти Саҳобии Астарободӣ / М. Б. Баёнов // Суханшиносӣ.– 2020.– №1.–С.120-128.

[6-М]. Баёнов, М.Б. Андешаҳои фалсафию ирфонии Саҳобии Астарободӣ / М.Б. Баёнов // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии

Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ) – 2020.–№1- (009).–С. 173-179.

[7-М]. Баёнов М.Б. Саҳобии Астарободӣ аз нигоҳи Шиблӣ ва Шамисо / М.Б. Баёнов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №3. – С.214-219.

Қисматҳое аз диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар Конференсияи илмӣ-амалӣ ба ифтихори Рӯзи Парчами миллӣ дар мавзуи «Ҷавонон–парчамбардори илми муосир», Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи А. Рудакии АИ ҶТ (Душанбе, 2016) ва дар конференсияҳои байналмилалии «Молодежь и развитие духовной культуры общества: актуальные проблемы и перспективы их решения». (Сборник материалов XI Международной научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава высших учебных заведений России, Таджикистана и Узбекистана. – Душанбе, 2022.– С.153-160) ва «Преподавание профессиональной музыки: история, теория и практика» (Таълими мусиқии касбӣ: таърих, назария ва амалия: (маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – назариявӣ) Душанбе. 2022.– С. 167-175.) ироа шуда, як барномаи радиоии махсус доир ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Саҳобии Астарободӣ дар радиои "Фарҳанг" таҳия ва пахш карда шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Навоварии илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки бори нахуст дар илми адабиётшиносии тоҷикӣ паҳлуҳои гуногуни ҳаёту фаъолият, мероси адабӣ ва мазмуну муҳтавои ашъори яке аз симоҳои машҳури адабиёти охири асри XVI ва аввали асри XVII, рубоисарои барҷаста Саҳобии Астарободӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. То ба имрӯз ҳаёту фаъолият ва осори шоир дар шакли як диссертатсияи илмӣ таҳқиқ нашудааст. Дар диссертатсия зиндагиномаи адиб ва осори ӯ, хусусан андешаҳои ахлоқӣ, ирфонӣ, иҷтимоӣ ва адабии шоир баррасӣ шудаанд.

**Аҳаммияти назариявии** дар он зоҳир мешавад, ки қабл аз ҳама ин диссертатсия метавонад барои омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти асрҳои XVI ва XVII ба кор бурда шавад, зеро то ҳол адабиёти асрҳои мазкур мавриди таҳқиқоти ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, ин диссертатсия метавонад дар таҳқиқи адабиёти асрҳои фавқуззикр маводи арзишмандеро пешниҳод намояд. Ҳамзамон, барои таҳқиқи андешаҳои фалсафию ирфонӣ ва ахлоқии шоир заминаи мусоид фароҳам созад. Диссертатсия аввалин пажӯҳиш доир ба ҳаёт ва осори Саҳобии Астарободӣ буда, дар он қариб тамоми маъхазҳо, хусусан тазкираву баёзҳо, ки дар бораи шоир иттилоъ додаанд, зикр гардидаанд. Илова бар ин, доир ба нусхаҳои қаламии ашъори адабию фалсафии шоир дар китобхонаву осорхонаҳои ҷаҳон, ки маҳфузанд,

маълумот дода шудааст. Аз ин рӯ, он ҳамчун пажӯҳиши аввалин барои таҳқиқоти баъдии рӯзгор, осори адабию фалсафии шоир ва сабку услуби шеъри ӯ заминаи хубест.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муҳаққиқ муҳтавои диссертатсияро комилан инъикос менамоянд.

Хулоса, вобаста ба дастовардҳои зикршуда ва дар асоси тақризҳои мусбат ва баромади муқарризони холис – доктори илми филология, Юсуфов У. ва номзади илми филология Шоев А. Шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ бо қарори № 8 аз таърихи 01.07.2022 диссертатсияи номзадии Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷоновичро дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» кори муҳиму арзишманд арзёбӣ намуда, онро комилан анҷомёфта меҳисобад. Диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, онро ба баррасии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067 барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик тавсия менамояд.

**Иштирок доштанд:** аз 19 аъзои шурои олимон 15 нафар.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: "тарафдор" – 15 нафар, "зид" - нест, "бетараф" - нест, қарори №8, аз 01. 07. 2022.

**Раиси Шурои олимон,**
номзади илми филология, дотсент — Шарифзода Б.Б.

**Муқарризони холис:**
доктори илми филология,
сарходими илмии шуъбаи
таърихи адабиёти Институти
забон ва адабиёти ба номи А.
Рӯдакии АМИТ — Юсуфов У. А.

номзади илми филология,
дотсенти кафедраи назария
ва таърихи адабиёти тоҷики
ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Шоев А. А.

**Котиби илмии Шуро** — Муҳамадхоҷаева Р. А.

**Имзоҳои Шарифзода Б. Б., Юсуфов У. А.**
**ва Муҳамадхоҷаева Р. А.-ро тасдиқ мекунам:**
нозири калони кадри Институти
забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.М.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 21. Тел.: +992 (37) 227-29-07, 221- 70-30,
E-mail: iza rudaki17@mail.ru, http://www. iza.tj
"04" июли соли 2022

**Имзои Шоев А. А.-ро тасдиқ менамоям:**
сардори раёсати кадрҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

Нишонии муқарриз: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121